Биниаш ба хок олуда бод, боз ҳам биниаш ба хок олуда бод, боз ҳам биниаш ба хок олуда бод!" Гуфтанд: Чӣ касе эй Расули Аллоҳ? Фармуд: "Он ки падару модараш ё яке аз онҳоро дар ҳоли пирӣ дарёбад ва (ба сабаби некӣ накардан ба онҳо) вориди биҳишт нашавад

Аз Абуҳурайра (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Биниаш ба хок олуда бод, боз ҳам биниаш ба хок олуда бод, боз ҳам биниаш ба хок олуда бод!" Гуфтанд: Чӣ касе эй Расули Аллоҳ? Фармуд: "Он ки падару модараш ё яке аз онҳоро дар ҳоли пирӣ дарёбад ва (ба сабаби некӣ накардан ба онҳо) вориди биҳишт нашавад."

[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба зиллат ва хорӣ дуъо карданд, то ҷое, ки гӯё бинии ӯро дар хок қарор доданд ва инро се бор такрор карданд. Пас пурсида шуд: Ин кас, ки алайҳи ӯ дуо кардед, кист? Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: Касе, ки падару модараш -ҳарду ё яке аз онҳо- ро дар ҳангоми пирӣ дарёбад ва он ду сабаби ворид шудани ӯ ба биҳишт нашаванд, яъне ба сабаби некӣ накардан дар ҳаққи онон ё ъуқуқи онон.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/3718